آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

21 майи соли 2025
Чоршанбе
№ 41 (15156)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# БАЙНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ВЕНГРИЯ МУНОСИБАТҲОИ ШАРИКИИ СТРАТЕГИИ ГУСТУРДА БАРҚАРОР ГАРДИДАНД

**Бо даъвати Сарвазири Венгрия Виктор Орбан Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо сафари расмӣ дар шаҳри Будапешт қарор дорад.**



Барномаи сафари Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар Будапешт 20 май аз мулоқот бо роҳбарони бузургтарин ширкатҳо ва бонкҳои Венгрия оғоз ёфт.

Аз ҷониби Венгрия менеҷерони олимақом ва муассисони OTP Bank, BDPST Group, 4iG, Indotek, MVM, Duna Group, MOL Group, H2O Consortium, Inpark, Wizz Air ва дигарон намояндагӣ карданд.

Сарвари кишварамон дар суханронии худ таъкид намуд, ки аз мулоқот бо соҳибкорони Венгрия оғоз ёфтани сафари расмӣ маънои рамзӣ дорад.

Бо қаноатмандӣ қайд карда шуд, ки сармоягузориҳои мустақими Венгрия ба иқтисодиёти Ўзбекистон босуръат афзоиш меёбанд. Масалан, OTP Bank чанде пеш яке аз бонкҳои бузурги Ўзбекистонро харид намуда, дар бозори молиявии кишвари мо мавқеи устувор касб кард.

Нақшаҳои нави OTP оид ба таъсиси як ширкати муштарак барои рушди тақдими кредити хариди автомобил, оғоз намудани барномаи маблағгузории тиҷорат, сохтмони кластери калонҳаҷми паррандапарварӣ дастгирӣ ёфтанд.

Бо мақсади тавсеаи ҳамкориҳои саноатӣ ва ҳавасмандгардонии интиқоли технологияҳои пешрафта дар вилояти Тошканд минтақаи махсуси саноатӣ барои ширкатҳои аврупоӣ таъсис дода мешавад. Идораи ин минтақа ба ширкати Inpark-и Венгрия супурда хоҳад шуд.

Бо мақсади густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ Президенти Ўзбекистон як қатор самтҳои афзалиятнокро муайян намуд. Аз ҷумла, маблағгузории муштараки лоиҳаҳо ва дастгирии содироти маҳсулоти тайёр ба бозорҳои пешомадноки кишварҳои сеюм.

Аҳамияти пурзӯр гардондани алоқаҳои нақлиётӣ, бахусус афзоиши боркашонӣ ва рушди парвозҳои мустақим миёни ду кишвар таъкид гардид.

Сарвари давлатамон эътироф кард, ки ширкатҳои Венгрия ба татбиқи лоиҳаҳои муштарак таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мекунанд. Дар навбати худ, намояндагони тиҷорат пешниҳодҳо ва нақшаҳои густариши ҳамкориро баён карданд.

Дар ҷараёни мулоқот оид ба татбиқи лоиҳаҳои нав бинобар чунин самтҳо, ба мисли таҷдиди инфрасохтори нақлиётӣ ва роҳҳо, сохтмони марказҳои логистикӣ ва шабакаҳои коммуналӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, маҳсулоти дӯзандагӣ, маводи кимиёӣ ва доруҳо созиш ҳосил шуданд.

Дар анҷоми вохӯрӣ Сарвари давлат пешниҳод намуд, ки мулоқотҳо дар чунин формат ба таври мунтазам баргузор шаванд.

– Мо барои рушди робитаҳои устувор миёни доираҳои соҳибкории кишварҳоямон тамоми шароитро фароҳам хоҳем овард, – таъкид намуд Президенти Ўзбекистон.

Дар доираи барномаи кори сафари расмӣ Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо раиси шӯрои директорони «OTP Bank Group» Шандор Чани мулоқот анҷом дод.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки фаъолияти бонки мазкур аз соли 2023 дар бозори бонкию молиявии кишварамон босуръат рушд ёфта истодааст.

Сарвари давлатамон оид ба рушди қарздиҳии автомобилӣ ва маблағгузории лоиҳаҳои соҳибкорӣ барномаҳои муштаракро истиқбол намуд.

Ҳамзамон муҳимияти ҳарчи зудтар амалӣ намудани лоиҳаи бузург оид ба таъсиси кластери парандапарварӣ таъкид гардид.

Пешбурд ва дастгирии лоиҳаҳои ширкатҳои венгерӣ дар парки саноатии вилояти Тошканд ҳамчун самти афзалиятнок муайян гардид.

Дар охири чорабинӣ бо ҳузури роҳбари кишвари мо маросими мубодилаи созишномаҳо оид ба татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ баргузор гардид.

20 май дар доираи барномаи сафари расмӣ дар шаҳри Будапешт Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо раиси Маҷлиси миллии (парлумони) Венгрия Ласло Кёвер мулоқот анҷом дод.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои рушди минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегии Ўзбекистон ва Венгрия, аз ҷумла аз рӯйхати парлумонҳо баррасӣ гардиданд.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки сафар ва мулоқоти ҳайатҳои парлумонии ду кишвар рӯз ба рӯз меафзояд. Моҳи апрели соли ҷорӣ муовини раиси Маҷлиси миллӣ Янош Латорсаи дар Ассамблеяи 150-солагии Иттиҳоди байнипарлумонӣ, ки дар шаҳри Тошканд баргузор шуд, иштирок кард. То охири сол сафари муовини раиси парлумон ва роҳбари Кумитаи иқтисоди Парлумони Венгрия ба Ўзбекистон, инчунин сафари ҳайати парлумонии кишвари мо ба шаҳри Будапешт дар назар аст.

Ба аҳамияти мусоидат ба татбиқи созишномаҳои имзошуда, фаъол кардани кори гурӯҳҳои дӯстӣ ва барқарор кардани робита байни кумитаҳои соҳавӣ, бахусус барои мубодилаи таҷрибаи қонунгузорӣ дар самтҳои рушди минтақаҳо, ҳифзи иҷтимоӣ, андозбандӣ ва рақамисозӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Сипас, дар қасри «Кармелита» музокироти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Сарвазири Венгрия Виктор Орбан дар доираи маҳдуд ва бо иштироки ҳайатҳои расмӣ баргузор гардид.

Масъалаҳои таҳкими минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳамкориҳои бисёрҷанбаи Ўзбекистону Венгрия баррасӣ шуд.

Роҳбари Ўзбекистон ба пешвои Венгрия барои истиқболи самимонаи ҳайати Ўзбекистон дар шаҳри Будапешт миннатдорӣ баён кард.

Рушди муттасили ҳамкориҳои амалӣ дар тамоми самтҳо бо қаноатмандӣ қайд гардид. Дар сатҳи парламент, ҳукумат, идора ва минтақаҳо робитаҳои судманд роҳандозӣ шудаанд. Дар доираи СММ, Созмони давлатҳои туркӣ ва дигар сохторҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои наздик сурат мегирад.

Ҳаҷми тиҷорати байниҳамдигарӣ меафзояд, дар шабакаҳои гуногуни иқтисодиёт ҳамкории корхонаҳои пешқадам мустаҳкам мешавад.

Зарурати дар марҳилаи аввал то ба 500 миллион евро расонидани ҳаҷми муомилоти маҳсулот, аз ҷумла тавассути имкониятҳои ивазкунандаи воридот ва аз ҳисоби мақоми «GSP+» таъкид шуд.

Бо ин мақсад, лабораторияҳо мутобиқи талаботи Иттиҳоди Аврупо аз аккредитатсия гузаронида мешаванд, барномаи пешакӣ сертификатсия кардани маҳсулот ва платформаи муштарак барои кӯмак ба ширкатҳои содиркунанда роҳандозӣ мегардад.

Бояд гуфт, ки ҳоло бастаи лоиҳаҳои муштараки сармоягузорӣ 500 миллион долларро ташкил медиҳад. Барои ташрифи ҷорӣ лоиҳаҳои нав ба маблағи 1,5 миллиард евро омода шудаанд.

Таъкид гардид, ки ба бозори молиявии Ўзбекистон ворид шудани бонки «ОТР»-и Венгрия, рағбати пурзӯр барои соҳибкорони Венгрия ва Аврупо гардид. Аз рӯйи васеъ намудани воситаҳои маблағгузорӣ бо бонк созиш ба даст омад. Таъсиси ширкати муштарак барои рушди кредитҳои мошин ва роҳандозии барномаи дастгирии тиҷорат аз ин ҷумлаанд. Дар вилояти Сирдарё ташкили кластери паррандапарварӣ низ дар марҳилаи фаъол қарор дорад.

Дар вохӯрӣ, ки субҳ бо доираҳои соҳибкорӣ баргузор гардид, доир ба татбиқи лоиҳаҳои нав дар соҳаҳои таҷдиди инфрасохтори нақлиётӣ, сохтмони роҳҳои нақлиётӣ ва марказҳои логистикӣ, рушди шабакаҳои коммуналӣ, истеҳсоли маҳсулоти тайёри нассоҷӣ, масолеҳи сохтмонӣ, маҳсулоти кимиёвӣ, дорусозӣ, технологияҳои рақамӣ ва моҳипарварӣ тавофуқ ҳосил шуд.

Таъкид гардид, ки барои ҷойгир кардани чунин истеҳсолот дар Ўзбекистон таҳти идораи оператори «Inpark»-и Венгрия барои ширкатҳои Аврупо минтақаи махсуси саноатӣ ташкил карда мешавад.

Умуман, дар бораи омода ва қабули Барномаи шарикии сармоягузорӣ дар ҷамъомади навбатии Комиссияи байниҳукуматӣ, ки моҳи июли соли ҷорӣ дар шаҳри Будапешт доир мегардад, ба мувофиқа расиданд.

Инчунин, аз нав ташкил кардани фаъолияти Шӯрои корчаллони Ўзбекистон – Венгрия ва дар фурсати кӯтоҳ бо иштироки васеи намояндагони тиҷоратӣ гузаронидани ҷамъомади навбатии он пешниҳод карда шуд.

Дар анҷоми музокироте, ки дар шаҳри Будапешт гузаронида шуд, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Сарвазири Венгрия Виктор Орбан Эъломияи муштаракро дар бораи барқарор кардани муносибатҳои шарикии густурдаи стратегӣ ба имзо расониданд.

Ҳамчунин, дар ҳузури роҳбарон як қатор санадҳои байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ, аз ҷумла Шартнома дар бораи истирдод, Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи тағйирёбии иқлим, тавофуқҳои байниидоравӣ дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаҳои идоракунии офатҳои табиӣ, илму фан ва инноватсия, дар бахши атоми сулҳ иваз карда шуд.

Натиҷаҳои пурсамари нахустин Форуми минтақаҳо, ки моҳи октябри соли гузашта дар шаҳри Қӯқанд баргузор гардид, бо қаноатмандӣ қайд карда шуд. Бо мақсади рушди алоқаҳои байниминтақавӣ аз рӯйи омодагии ҳамаҷониба ба форуми дувум дар Венгрия созиш ҳосил гардид.

Бо мақсади фаъолсозии табодули тиҷорӣ, сайёҳӣ ва фарҳангӣ масъалаҳои роҳандозии хатсайрҳои мустақими ҳавоӣ миёни ду мамлакат низ баррасӣ шуд.

Ба тавсеаи ҳамкориҳои амалӣ дар соҳаҳои фарҳангу гуманитарӣ диққати махсус дода шуд.

Моҳи октябри соли гузашта дар шаҳри Лакителек нимпайкараи шоири бузург Алишер Навоӣ кушода шуд. Моҳи январи соли ҷорӣ дар Будапешт Рӯзҳои кинои ўзбек доир гардид.

Пешниҳод шуд, ки соли оянда чун Соли фарҳанги Ўзбекистон ва Венгрия эълон шавад. Ҳоло ҷиҳати рӯйи саҳна гузоштани балети «Лазгӣ» дар саҳнаи Театри давлатии операи Венгрия ва гузаронидани намоишгоҳи маданияти Ўзбекистон дар Осорхонаи этнографии Будапешт корҳои омодагӣ идома доранд.

Дар доираи табодули таълимӣ ҳамкорӣ дар доираи барномаи «Stipendium Hungaricum» идома хоҳад ёфт. Инчунин, роҳандозии низоми тақдими дипломҳое, ки дар ҳар ду мамлакат эътироф мегарданд ва имкониятҳои ташкили филиалҳои муассисаҳои таълими олии Венгрия дар мамлакатамон низ баррасӣ гардиданд.

Дар ин замина пешниҳод шуд, ки имсол дар Тошканд Форуми сеюми ректорони Ўзбекистону Венгрия баргузор шавад.

Роҳбарон доир ба масъалаҳои муҳими молики аҳамияти байналмилалӣ ва минтақавӣ низ табодули афкор намуданд. Аҳамияти идомаи ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, савдои одам ва дигар хатарҳои муосир, ки ба амният таҳдид мекунанд, таъкид гардид.

Бо мақсади роҳандозии назорат аз болои иҷрои тавофуқоти ҳосилшуда ба вазоратҳои масъул вазифаи омодасозии «харитаи роҳ»-и муштарак супорида шуд.

Дар поёни мулоқот Президент Шавкат Мирзиёев Сарвазир Виктор Орбанро бо сафари ҷавобӣ ба Ўзбекистон даъват кард.

Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ба Венгрия идома дорад.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

---

# ЎЗБЕКИСТОН БАРОИ ШАҲРВАНДОНИ ИНДОНЕЗИЯ БА ЯКЕ АЗ САМТҲОИ ҶОЛИБТАРИНИ САЙЁҲӢ ТАБДИЛ МЕЁБАД

***Дар пойтахти Индонезия чорабинии «Indonesia - Uzbekistan Friendship Fun Walk» таҳти шиори «Ўзбекистон — кишвари Имом Бухорӣ» баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ роҳбарони ширкатҳои пешбари сайёҳии кишвар, устодон ва донишҷӯёни донишгоҳҳои «Гунадарма» ва «Трисакти», инчунин намояндагони ВАО ва аҳли ҷомеа ширкат варзиданд.

Дар доираи чорабинӣ викторинаҳое бахшида ба таърихи Ўзбекистон, зиндагии Имом Бухорӣ ва марҳилаҳои рушд ва дастовардҳои ҷумҳуриамон гузаронда шуданд. Индонезиягиҳо нишон доданд, ки дар бораи ватани мо, таърихи он ва ҳолати имрӯза дониши кофӣ доранд. Ба ғолибон тӯҳфаҳои хотиравӣ супурда шуданд ва барандаи даври ниҳоӣ соҳиби ваучери ройгони сайёҳӣ барои ду нафар ба Ўзбекистон гардид.

Чорабинии мазкур, ки дар шакли «Fun Walk» гузаронида шуд, на танҳо ҷанбаҳои фарҳангиву маърифатӣ, балки варзиширо низ фаро гирифт. Илова бар ин, тақдими меваҳои хушккардашудаи Ўзбекистон ба иштирокчиён дар як павилони махсус ташкил карда шуд.

Ҳамчунин меҳмонони индонезиягӣ дар марши дӯстӣ ширкат карданд. Дар интиҳои чорабинӣ иштирокчиён назару таассуроти худро баён доштанд.

**Директори иҷроияи Ассотсиатсияи саноати нассоҷии Индонезия (API)467 Гирин ДРАВАРДАНА:**

– Ман бо аъзои хонаводаам дар чорабинии «Fun Walk» ширкат кардам. Ин муаррифӣ ба ҳамаи иштирокчиён ҳамчун рамзи дӯстӣ ва муносибатҳои наздики ду кишвар таассуроти амиқ гузошт. Ман қаблан дар бораи Ўзбекистон бисёр шунида будам, аммо пас аз ин чорабинӣ бори дигар дарк кардам, ки таъриху фарҳанги ин кишвари дар Осиёи Марказӣ муқаддас то чӣ андоза ғанӣ аст. Ўзбекистон барои индонезиягиҳо ба яке аз самтҳои ҷолиби сайёҳӣ табдил ёфтааст. Ҳамватанони ман орзу доранд, ки ба ин сарзамин сафар кунанд. Файласуфон, донишмандон ва уламоёни бузург дар ин диёр ба воя расида, ба рушди ислом ва илм саҳми бузург гузоштаанд. Ман ҳатман ба кишвари Имом Бухорӣ сафар хоҳам кард.

**Блогнавис-сайёҳ Адитя Адҳа ШАХПУТРА:**

– Ўзбекистон барои сайёҳони Индонезия самти хеле ҷолиб мебошад. Ин кишвар яке аз гаҳвораҳои тамаддуни ҷаҳонӣ дониста мешавад. Ҳар сол ҳазорон сайёҳи индонезиягӣ бо мақсади зиёрат ба ин кишвар меоянд. Ўзбекистон дар соҳаи сайёҳӣ бартариҳои зиёд дорад.

Тибқи натиҷаҳои назарсанҷие, ки пас аз анҷоми чорабинӣ гузаронида шуд, аксари иштирокчиён Ўзбекистонро ҳамчун як самти нави сайёҳӣ арзёбӣ намуда, тақрибан 60 фоизи онҳо изҳор доштанд, ки то охири соли 2025 ба Ўзбекистон сафар хоҳанд кард.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ҶАКАРТА.*

---

*Муносибат*

# ТАЪЛИМИ БОСИФАТ – ПОЙДЕВОРИ ОЯНДА

***Солҳои охир низоми таълими Ўзбекистон дар роҳи мутобиқшавӣ ба талаботи ҷаҳони муосир нав гардида, такмил меёбад. Дар ин раванд, ба дараҷаи назаррас зиёд гардидани маблағгузорӣ ба соҳаи таълим нақши муҳим мебозад.***

Дар ҳақиқат, дар ҳафт соли охир маблағгузорӣ ба соҳаи таълим ба таври назаррас афзоиш ёфт. Ба шарофати ин, дар мактабҳо 1 миллион ва дар кӯдакистонҳо 1,5 миллион ҷои нав таъсис дода шуд. Фарогирӣ ба таҳсилоти томактабӣ се маротиба зиёд шуда, ба 78 фоиз расид. Албатта, ин дар ислоҳоти инфрасохторӣ як марҳилаи муҳим ба шумор меравад.

Аммо барои баланд бардоштани самаранокии низоми таълим танҳо ба инфрасохтор таваҷҷуҳ кардан кофӣ нест. Сатҳу сифати омӯзгорон ва самаранокии раванди таълим низ аҳамияти калон дорад.

Чанде пеш дар ҷамъомади видеоселекторие, ки таҳти раёсати Президенти мамлакат баргузор гардид, ба мушкилоти мавҷудаи соҳа таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, барои такмили низоми тайёр кардани кадрҳои педагогӣ ва баланд бардоштани малакаи онҳо вазифаҳои афзалиятнок муайян карда шуданд.

Тағйиротҳо дар низоми таҳсилот, бахусус ҷорӣ гардидани барномаҳои наве, ки ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта мутобиқ гардонида шудаанд, инчунин дастрасӣ ба китобҳои дарсии замонавӣ ва таҷҳизоти муосир, ҳамзамон саволҳоеро ба миён меоранд, ки ба сатҳи малакаи омӯзгорон ва тавоноии онҳо ҷиҳати аз худ кардани методикаҳои нав вобаста мебошанд. Яъне, навсозии низоми таҳсилот танҳо ба ҷиҳатҳои моддӣ вобаста нест, балки ба рушди касбии омӯзгорон ва аз худ кардани технологияҳои нави таълимӣ низ сахт марбут аст.

Дар доираи ҳамин раванд, ду сол қабл низоми тақдими тоифа (дараҷа) пурра рақамӣ ва шаффоф гардонида шуд, ки аҳволи воқеиро нишон дод. Соли гузашта 341 ҳазор омӯзгорон аз рӯйи низоми нав барои гирифтани тоифа ҳуҷҷат супориданд, ки аз ин шумора 102 ҳазорашон аз имтиҳон гузашта натавонистанд. Барои ҳаллу фасли ин мушкилот оид ба тезондани ислоҳоти соҳаи таълим тартиби «нақшаи фавқулоддаи 90-рӯза» роҳандозӣ мегардад. Низоми тайёр кардани омӯзгорон ва баланд бардоштани малакаи онҳо такмил дода мешавад.

Сарвари давлат таъкид кард, ки барои расидан ба сифати зарурии таълим, пеш аз ҳама, худи низоми тайёр кардани омӯзгорон ва баланд бардоштани маҳорати касбии онҳо бояд ба ин талабот мутобиқ бошад. Бо назардошти ин, қарор шуд, ки Донишкадаи такмили ихтисоси Авлонӣ таҳти трансформатсия қарор гирифта, 13 маркази минтақавии он аз нав ташкил карда шаванд.

Имрӯз тағйиротҳои низоми таҳсилот, барномаҳои нав, китобҳои дарсии замонавӣ ва технологияҳои муосир аз омӯзгорон маҳорати баланди касбӣ ва донишу таҷрибаи навро талаб мекунанд. Трансформатсияи Донишкадаи такмили ихтисоси Авлонӣ имконият медиҳад, ки корҳои марбут ба баланд бардоштани малакаи омӯзгорон дар сатҳи минтақавӣ ба роҳ монда шаванд. Ин ба омӯзгорон имконият фароҳам меорад, ки дар маҳалли зисти худ таҳсил намоянд ва ҳамин тариқ вақт ва хароҷотро сарфа кунанд.

Яке аз ҷиҳатҳои муҳим он аст, ки модел ё намунаи Донишкадаи такмили ихтисоси ба номи Авлонӣ минбаъд ба марказҳои такмили ихтисос дар минтақаҳо низ татбиқ карда мешавад. Дар ин раванд на танҳо сохтмони биноҳо ва ободонии муҳит ба назар гирифта мешавад, балки муҳити таълимӣ, пойгоҳи моддию техникӣ, кадрҳои баландихтисос, дониш ва таҷриба низ ба сатҳи ягона оварда мешаванд.

Имсол аз донишгоҳҳои педагогӣ ва марказҳои такмили ихтисос, инчунин аз ҳар як ноҳия, ҳадди ақал 5 омӯзгор ба хориҷ фиристода мешаванд, то бо таҷрибаи пешқадами ҷаҳон дар соҳаи таҳсилот шинос шаванд, усул ва методикаҳои нави педагогӣ ва технологияҳоро азхуд кунанд. Ин, бешубҳа, ба афзудани самаранокии ислоҳоти низоми таҳсилот мусоидат хоҳад кард.

Аз ин нуқтаи назар, мо — вакилони халқ, бояд назорати иҷрои самараноки ҳадафу вазифаҳои муайяншударо ҷиддитар ба роҳ монем ва барои таъмин кардани натиҷабахшии ислоҳот дар низоми таҳсилот фаъолтару ташаббускортар бошем. Зеро, таълими босифат пояи устувори оянда аст.

**Шаҳноза ХОЛМУҲАММАДОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

*Моҳонаи бехатарӣ аз сӯхтор*

# СӮХТОРРО ПЕШГИРӢ НАМОЕМ

**_Вазорати вазъиятҳои фавқулода аз 20 май то 20 июни соли ҷорӣ дар сар то сари ҷумҳурӣ гузаронидани чорабинии «30 рӯзи долузарб» эълон намуд ва барои иштироки фаъол дар ин чорабинӣ кулли ташкилоту идораҳо ва шаҳрвандонро даъват менамояд._**

Фасли гармои тобистон низ фаро мерасад. Ин мавсим барои гурӯҳе агар замони истироҳат, сайёҳӣ ва табобат бошад, барои ходимони бехатарии сӯхтор мавсими нисбатан душвор аст, зеро таҷриба нишон медиҳад, ки дар фасли гармо дар ноҳияҳои атрофи пойтахт ба туфайли ҳар гуна партов ва хошок миқдори сӯхтор афзоиш меёбанд. Сӯхтор худ аз худ ба вуҷуд намеояд. Барои партов ва алафҳои зери шуои офтоб хушкшуда ҳамагӣ як шарора кифоя аст. Масалан, роҳгузаре боқимондаи сигорашро дар роҳ партояд, мумкин аст он боиси сӯхтор гардад. Ин фасл барои бачагон фасли истироҳат. Онҳо аз назорат беэътибор монда, алафҳои хушкшударо месӯзонанд. Сӯхторҳое, ки туфайли беэътиборӣ сар мезананд, боиси талафот ва баъзан оқибати фоҷианоки инсонҳо мегарданд.

Ходимони шуъбаи вазъиятҳои фавқулодаи ноҳияи Янгиҳаёти пойтахт барои пешгирии сӯхтор дар ҷойҳо оиди тозасозии атроф ба муассисаҳои дахлдор рафта, ҳатман тоза намудани роҳраву кӯчаҳо, атрофи биноҳои бисёрқабата ва майдонҳоро аз партову алафҳои хушкшуда талаб мекунанд. Пайваста аз оқибати ҳодисаи мудҳиши сӯхтор такрор ба такрор ёдрас менамоянд, то ки бо ин васила пеши роҳи сӯхторро гиранд.

**Бегзод ПИРМАТОВ,**
**инспектори шуъбаи назорат ва профилактикаи бехатарӣ аз сӯхтори вазъиятҳои фавқулодаи ноҳияи Янгиҳаёти Тошканд.**

# МУЛОҚОТИ ТИРМИЗ ПАЁМАДҲОИ НЕК БА БОР ХОҲАД ОВАРД

**_Нахустин нишасти муколамаи Тирмиз оид ба робитаҳои мутақобилаи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ дар шаҳри Тирмиз таҳти унвони «Ташаккули фазои муштараки сулҳу осоиш, дӯстӣ ва шукуфоӣ» баргузор гардид. Муассисони чорабинӣ Институти тадқиқоти стратегӣ ва байниминтақавии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Палатаи савдо-саноати Ҷумҳурии Ӯзбекистон муаррифӣ шудаанд._**

Гуфта мешавад, ки дар он тақрибан 200 сиёсатмадори миллӣ ва хориҷӣ, намояндагони доираҳои тиҷоратӣ ва коршиносони маъруфи марказҳои таҳлилӣ ва тадқиқотӣ аз Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, Аврупо, мамлакатҳои ИДМ, минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором, Амрико ва Шарқи Наздик ширкат намуданд.

Иштирокчиён эътироф мекунанд, ки баргузории ин ҳамоиш дар заминаи тамоюлҳои буҳронии мушоҳидашуда дар ҷаҳон, ки аз камбуди эътимод, афзоиши зиддиятҳои геополитикӣ, тиҷорат ба вуҷуд омадааст, аҳамияти бештар пайдо мекунад. Зимни чорабинӣ таъкид гардид, ки барои дарёфти роҳҳои ҳалли қобили қабули мушкилоти умумӣ он замина фароҳам меорад ва имкон медиҳад, ки ба чолишҳо ва таҳдидҳое, ки кишварҳо рӯбарӯ ҳастанд, самаранок мубориза сурат гирад.

Дар он гуфта шуд, ки қабули қатъномаи махсуси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо ибтикори Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо номи «Тақвияти робитаи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ» заминаи консептуалии ҳамкории зичтари ду минтақаро фароҳам овард. Ҳоло Ӯзбекистон барои роҳандозии робитаҳои байни Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ нақши асосӣ мебозад.

Аз соли 2021 инҷониб Маркази Каргои Тирмиз аз ҷониби Барномаи ҷаҳонии озуқаворӣ ва UNHCR барои расонидани кумакҳои башардӯстона ба Афғонистон истифода мешавад. Аз соли 2021 то сентябри соли 2024 тавассути терминал 144 ҳазор тонна кумак, аз ҷумла ғизо, доруворӣ, хаймаҳо, чароғҳои офтобӣ ва дигар молҳои зарурӣ фиристода шуданд

Дар ду рӯз махсусан он нукта тазаккур ёфтааст, ки Маркази Каргои Тирмиз як рисолати муҳими миёнаравиро иҷро карда, барои расонидани кумаки башардӯстонаи байналмилалӣ на танҳо ба Афғонистон, балки ба гурезаҳои афғон дар Эрону Покистон мусоидат мекунад.

Ба эътиқоди иштирокчиёни мулоқоти Тирмиз Осиёи Марказӣ дар як муддати нисбатан кӯтоҳ симои худро комилан ба самти мусбат табдил додааст. Ҳатто дар гузаштаи наздик коршиносон бо дарназардошти он, ки равобити ин кишварҳо аз мушкилоти ҳалношуда ва зиддиятҳои шадид, хоҳ масоили марзӣ ва хоҳ истифодаи об пур шудааст, Осиёи Марказиро «Балкани Авруосиё» номидаанд. Аммо имрӯз, тавре коршиносони хориҷӣ эътироф карданд, ба шарофати иродаи сиёсии роҳбарони кишварҳо Осиёи Марказӣ ба фазои эътимод, ҳамсоягии нек ва ҳамкориҳои судманд табдил ёфтааст. Минтақа устуворона пеш меравад, чолишҳо ва таҳдидҳои ба вуҷудомадаро мустақилона бартараф менамоянд, ба масири рушди прогрессивӣ ворид шуда, ба маркази фаъолияти иқтисодию сармоягузорӣ табдил меёбад. Ба гуфтаи онҳо, сатҳи баланди муттаҳидшавии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва дидгоҳи умумии онҳо ба равандҳои ҳамбастагӣ барои густариши ҳамкориҳо бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ дурнамои нав мекушояд.

Имрӯз дар кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мавриди амиқсозии муштараки ҳамкориҳо бо Осиёи Ҷанубӣ тавофуқи қавӣ ба вуҷуд омадааст. Ин дар дастгирии лоиҳаҳои байниминтақавии иқтисодӣ ва инфрасохторӣ, аз қабили CASA-1000, TAPI, долони Трансафғонистонӣ, инчунин дар таъсиси формати «Осиёи Марказӣ + Ҳиндустон» ифода ёфтааст. Аслан лоиҳаҳои байниминтақавӣ на танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ, балки аз ҷиҳати иҷтимоӣ низ аҳамияти калон доранд. Минбаъд онҳо ба тамоми макроминтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ таъсири мултипликаторӣ хоҳанд дошт.

Татбиқи лоиҳаҳои трансминтақавӣ барои рушди муносибатҳои мустаҳками тиҷоратию иқтисодӣ пешомадҳои нав мекушояд ва муносибатхои инвеститсионӣ, инчунин барои равандҳои ҳамгироӣ дар тамоми Авруосиё асос ба вуҷуд меоварад. Махсусан қайд карда шуд, ки таҷрибаи Осиёи Марказӣ дар ҳалли мушкилоти шадиди минтақавӣ, бахусус, масъалаи сарҳади Ӯзбекистону Тоҷикистон ва Қирғизистон барои муътадил гардондани муносибатҳои байни Ҳиндустону Покистон, Исломобод ва Кобул «намунаи қобили таваҷҷуҳ» шуда метавонанд.

Ҳиссаи Осиёи Ҷанубӣ дар ММД-и ҷаҳонӣ низ афзоиш ёфта, дар соли 2024 ба 4,9 триллион доллар расид, ки тақрибан 4,5% ММД-и ҷаҳониро ташкил медиҳад. Дар сурати нигоҳ доштани динамикаи пешрафтаи рушди иқтисодӣ, Осиёи Ҷанубӣ метавонад дар Осиё мавқеи пешсафро ишғол кунад.

Иштирокчиёни мулоқоти Тирмиз мутмаинанд, ки рушди долони фаромарзӣ ба кишварҳои минтақа дастрасии кӯтоҳтарин ба бандарҳои уқёнуси Ҳиндро фароҳам оварда, Осиёи Ҷанубиро бо бозорҳои Осиёи Марказӣ, Русия, Чин ва Аврупо мепайвандад. Илова бар ин, татбиқи ин лоиҳа як муҳаррики тавонои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ шуда, тавофуқро дар дохили Афғонистон ва дар минтақа дар масъалаи таҳкими сулҳу субот дар кишвар тақвият хоҳад дод.

Имрӯз ҳаҷми умумии ҳамлу нақли борҳо миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ аз тариқи коридори Трансафғон бо иштироки Ӯзбекистон аллакай афзоиш ёфтааст. Ин рақам беш аз ду баробар афзоиш ёфтааст – аз 1,8 миллион тонна дар соли 2021 ба 4 миллион тонна дар соли 2024 изофа шудааст. Аз ин лиҳоз, ба эътиқоди ширкаткунандагони форум, як самти муҳими ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ бояд ба эътидол овардани вазъ дар Афғонистон ва таъмини рушди устувори ин кишвар бошад. Ба ибораи дигар, сулҳ дар Афғонистон калиди эҷоди робита аст. Аз ин ҳама давлатҳои минтақа баҳра хоҳанд бурд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

**_Маркази илмӣ-санҷишӣ ва назорати сифати назди Агентии аз ҷиҳати техникӣ ба танзимоварӣ дар Маркази матбуоти миллӣ ҷамъомад барпо намуд._**

# НАЗОРАТ БА СИФАТИ МАҲСУЛОТ МЕАФЗОЯД

Дар он корҳои дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ ба амал баровардашуда таҳлил гардиданд.

– Давоми чор моҳи сипаригашта дар 126 корхонаи ҳудуди ҷумҳурӣ назорати маҷмӯӣ гузаронида шуд, – гуфт роҳбари шуъбаи ба танзимоварии маркази номбурда Шуҳрат Зиёқулов. – Дар натиҷаи азназаргузаронии лабораторӣ 298 навъи маҳсулот ба стандарти нишондодашудаи техникӣ ҷавобгӯ набудани 275 намуди он (92 фоиз) аниқ гардид. Арзиши умумии ин маҳсулот зиёда аз 4 миллиард сӯмро ташкил дода, ин нишондод боиси эътирози ҷомеа гардид. Дар аснои назорати сифати маҳсулот ҳолатҳои ба ҳаёт ва саломатии истеъмолчиён хавфовар муайян гардида, нисбати онҳо чораҳои зарурӣ андешида шуданд.

Дар доираи назорати давлатӣ 1662 дона воситаи баркаш ва ченкунӣ аз назар гузаронида шуд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар 540-тои ин воситаҳо ҳолати ба истифода нолоиқ муайян гардид. Дар фурӯши маҳсулоти хӯроквори, соҳаи тиб ва энергетика воситаҳои ченкунӣ мавқеи муҳимро дорост. Вайронкориҳои ин соҳа натанҳо ба поймол кардани ҳуқуқи истеъмолчиён меорад, балки ба мувозинати иқтисодӣ низ таъсири манфии худро мегузорад.

– Қариб ними маҳсулоти дар бозорҳо ба фурӯш гузошташуда ба талаби сертификаткунӣ ҷавобгӯ нестанд, – иброз дошт дар баромади худ сармутахассиси марказ Ислом Ҳотамов. – Аниқ гардид, ки 36 навъи маҳсулоти арзиши умумиаш 229 миллиард сӯмина бе сертификат ба фурӯш гузошта шудааст.

Нишондодҳо водор мекунад, ки назорат аз болои кори соҳаи батанзимоварӣ пурзӯр гардонда шавад.

Натиҷаи назорати ҳудудҳои ҷумҳурӣ бараъло муайян намуд, ки дар шаҳри Тошканд 2,7 миллиард сӯмина маҳсулот ба талаб ҷавобгӯ намебошад. Чунин ҳолатҳо дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон 21,9 миллиард сӯм, дар вилояти Ҷиззах 21,7 миллиард сӯм, Сурхондарё 21,1 миллиард сӯмро ташкил дода, онҳо ҳам аз ҷиҳати сифат ва ҳам ба истеъмол хавфнок ба ҳисоб гирифта шуданд. Дар натиҷа аз ҷониби инспексияи батанзимоварии сифат ба 191 нафар шахсони мансабдор мувофиқи моддаҳои 212, 213 ва 214-и кодекси маъмурии ҷавобгарӣ баённомаҳои ҳуқуқвайронкунӣ тартиб дода, 57 субъект ба 125 миллиард сӯмина ҷазои молиявӣ кашида шуд.

Аз 300 сертификати аз ҷониби идораҳои дахлдор супурдашуда дар 297-тоаш номувофиқӣ аниқ гардид ва камбудиҳои соҳа фош шуданд.

Алҳол дар соҳаи батанзимоварӣ корҳои назоратӣ пурзӯр гардонда, барои мустаҳкамнамоии интизом ва пешгирии ҳолатҳои қонунвайронкунӣ амалӣ гардондани як қатор корҳо ба нақша гирифта шудааст.

**Г. КАБИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**

*Моҳонаи солимгардонӣ*

# ШАҲРВАНДОН АЗ МУОИНАИ АМИҚИ ТИББӢ ГУЗАРОНИДА ШУДАНД

**_Дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо ташаббуси Вазорати тандурустӣ таҳти шиори «Меҳри мо барои ин Ватан, барои ин халқ аст!» маъракаи «Моҳонаи солимгардонӣ» гузаронда мешавад._**



Дар доираи ин моҳона бо ташаббуси ҳокимияти ноҳияи Ҷалакудуқи вилояти Андиҷон ва ҳамкории Иттиҳодияи тиббии ноҳия, барои шаҳрвандоне, ки ба муҳофизати иҷтимоӣ ниёз доранд ва дар феҳристи миллии камбизоатон сабт шудаанд, муоинаи тиббии амиқ ва ройгон ташкил гардид.

Муоина дар коллеҷи педагогии Чалақудуқ баргузор шуда, ҳадафи он ташхиси барвақтии бемориҳо, пешгирии он ва чораҳои солимгардонӣ буд. Дар ҷараёни он санҷишҳои скринингӣ низ анҷом дода шуданд.

Табибони ботаҷриба аз муассисаҳои табобатии вилоят, марказҳои тиббии махсусгардонидашуда ва мутахассисони соҳаҳои гуногун ба ин чорабинӣ ҷалб гардиданд. Саломатии шаҳрвандон тавассути дастгоҳҳои УЗИ, ЭКГ, фюлография ва озмоишҳои лабораторӣ мавриди санҷиш қарор гирифт.

Дар натиҷаи муоина, барои гурӯҳе аз шахсоне, ки ба бемориҳои гуногун мубтало буданд, роҳхатҳо барои муолиҷа дар муассисаҳои тиббӣ, машваратҳо ва тавсияҳои зарурӣ пешниҳод карда шуданд.

– Ман бо ташхиси хурӯҷи модарзодии буғуми косу рон муолиҷа мегирам, – мегӯяд маъюби гурӯҳи 3-юми сокини кӯчаи Шерободи маҳаллаи Қорағул Шавкатбек Зокиров. – Баъд аз муоинаи амиқ, тибқи тавсияи травматолог ба ман роҳхат барои муолиҷаи бемористони дар Иттиҳодияи тиббии ноҳия дода шуд.

Илова бар ин, дар ҷараёни муоина оид ба тарзи ҳаёти солим, тановули ғизои дуруст, зарари истеъмоли зиёди намак ва шакар, инчунин роҳҳои пешгирии бемории қанд суҳбат ва мулоқотҳо гузаронида шуданд. Ҳамчунин, «Майдони саломатӣ» ва «Ярмаркаи ғизои солим» ташкил гардиданд. Машғулиятҳои амалӣ оид ба тарзи дурусти ғизогирӣ ва риояи усули солими зиндагӣ гузаронида шуда, маводи иттилоотӣ ва буклетҳо паҳн гардиданд.

Муоинаи тиббӣ барои беҳтар намудани сатҳи саломатӣ ва баланд бардоштани саводи тиббии намояндагони оилаҳои ниёзманд, маъюб ва камбизоат хидмат намуд.

**Ф. УБАЙДУЛЛОЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

***Дар сурат:** лавҳа аз чорабинии моҳона.*

***Суратгир:***
***З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).***

*Тараддуд*

# ГУЛҲОИ РАНГИН МЕҲМОННАВОЗАНД

**_Намангониён ошиқу шефтаи гулҳоянд. Онҳо аз қадимулайём ҳаёти худро бидуни гул тасаввур намекунанд. Ҳам дар кӯчаву гузар, ҳам дар корхонаву муассиса ва ҳам хонадони онҳо гулҳои гуногунранг шукуфонанд. Хурсандиовар аст, ки сол то сол намуди гулҳое, ки гулпарварони намангонӣ парвариш мекунанд, меафзоянд._**




Мувофиқи маълумот метавон гуфт, ки танҳо дар пешрӯйи хонадонҳои намангониён зиёда аз 1,5 ҳазор навъи гул парвариш карда мешаванд. Ин гулҳо ба атроф нафақат зебоӣ мебахшанд, балки ба буҷаи оила фоида меоваранд.

– 64 сол пеш дар шаҳри Намангон намоиши гул ташкил шуда буд. Дар он гулпарварон бо гулҳои гуногунрангаи худ иштирок намуда, дар бораи парвариш бо якдигар таҷриба иваз карда буданд ва ин ба ҳукми анъана даромад. Ҳар сол рӯзҳои охири моҳи август дар маркази вилоят «Иди гул» баргузор мегашт. Ҳеҷ гумон надоштам, ки ин як намоиши одӣ ба дараҷаи ҷашнвораи байналхалқӣ бардошта мешавад, – мегӯяд Аҳмадҷонотаи уйчигӣ. – Падарам мо – 4 нафар фарзандонашро ба тамошои ин гулҳо меоварданд. Барои модарам гулҳои ранга харид карда мерафтем. Ҳоло арӯсону набераҳоям дар ҳавлӣ, дар гулдонҳо гул парвариш мекунанд. Зиёда аз 60 сол боз дар ин ҷашнвора иштирок мекунам.

Оре, 64 сол муқаддам дар шаҳри Намангон гузаронидани маросими «Иди гул» ба ҳукми анъана даромада буд. Дар он нафақат аз ҳудудҳои ҷумҳурӣ, балки аз кишварҳои хориҷӣ низ меҳмонон ва дӯстдорони гул иштирок мекунанд. Иди гул на фақат дар Боғи маданият ва истироҳати ба номи Заҳириддин Бобур, балки дар мавзеъҳои «Янги Ўзбекистон», «Адиблар хиёбони», «Афсоналар водийси» ва дар маркази ноҳияҳои вилоят низ баргузор мегардад. Бо иштироки санъаткорони номдори хориҷӣ ва маҳаллӣ барномаҳои консертӣ, чорабиниҳои маданиву маънавӣ дар назар дошта шудаанд.

Шаҳру ноҳияҳо бо рамзҳои ҳудуд ва урфу одатҳои худ, ки бо гулҳо ифода карда мешаванд, иштирок мекунанд. Аз ҷумла, чустиён чандин намуди ҳунармандӣ, попиён ағбаи Қамчиқ, нориниён амвоҷи дарё, учқӯрғониён анвои моҳиҳои фарел, янгиқӯрғониён бошанд, кӯҳҳоро бо гулҳои рангоранг ифода кардаанд. Корхонаву ташкилот ва муассисаҳо низ «бренд»-и худро бо гулҳои гуногунранг пешкаш мекунанд.

Қобили қайд аст, ки тадбиркорони хориҷӣ низ, ки дар вилоят бо соҳибкорӣ машғуланд, чандин намуди гули кишвари худро дар ин ҷашнвора намоиш медиҳанд. Марҳабо, ба диёри гулҳо!

Ҷашнвораи «Иди гул» аз 25 май то 29 июн давом мекунад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

**_Дар маърифатгоҳи бачагонаи «Баркамол авлод»-и ноҳияи Чуст озмуни ноҳиявӣ баргузор гардид._**

# ҒОЛИБОН МУАЙЯН ГАРДИДАНД

Аз рӯйи 7 самти таълим – арифметикаи менталӣ, тарҳрезии ландшафт, рақсҳои миллӣ ва ҷаҳон, шоҳмот, робототехника ва забони англисӣ таълимгирандагон ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, қувва озмуданд. Мувофиқи хулосаи ҳайати доварон Ширин Фарҳодова, Дилшод Носиров, дастаи рақси «Ширин издошлари», Акбарҷон Юнусов, Ислом Нуриддинов, Дилноза Пӯлодова ва Лочинбек Содиқҷонов бо натиҷаҳои баланд ғолибони мутлақ гардида, ба озмуни вилоятӣ роҳхат гирифтанд.

Дар охири чорабинӣ ғолибон, устодон ва шогирдони пешсаф бо тӯҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

**М. ШАРАФХОН.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*Зикри хайр*

# УСТОДИ ДӮЗАНДАГОН



Дӯзандагӣ монанди пазандагӣ ҳунари заруриву доимист. Мо, бачагон Асолатҷон Эргашеваро, ки танҳо бо духтарон машғулият мегузаронд, дар таълимгоҳ кам медидем.

Рӯзе дар машғулияти навбатӣ мошинҳои дарздӯзиро тафтиш мекард. Духтарон низ ба ӯ ёрӣ расонда, муоинакунон мошинҳоро аз гард пок карда, ба сӯзани онҳо ресмон мегузарониданд. Баъде, ки ҳамааш тайёр шуд, онҳо ба машғулият шурӯъ намуданд. Ин дарси алоҳидаи духтарона буда, дар он ҳунарварони оянда, ғайр аз дӯхтудӯзи либос, тарзу усулҳои рӯзгордориро низ меомӯхтанд.

Оре, то ба ин дараҷаи касбу ҳунар расидан Эргашева бисёр кӯшиш кард. Баъди хатми мактаб чун хатмкардаи илму маърифат ӯро муаллимаи синфҳои ибтидоӣ таъин карданд. Дертар Эргашева дар омӯзишгоҳи педагогии Чуст курси муаллимтайёркуниро аз рӯйи вазифааш ба охир расонд.

Ба насли наврас дарс доду бо муаллимӣ маҳдуд нагардид. Дилаш боз ба такмили касбу ҳунараш рафт. Модараш Саломатҷон низ дӯзанда буд. А.Эргашева дар собиқ Донишкадаи давлатии омӯзгории Тошканд ба номи Низомӣ хонда, боз малакаашро такмил дод. Бо ҳамкорони собиқадор таҷриба иваз намуд.

Дар деҳа Хонаи хидмати маишӣ ва филиали навташкили фабрикаи дӯзандагии шаҳри Чуст ба фаъолият шурӯъ намуд ва занону духтарони сершумори бекорро ба оғӯш гирифт.

– Ман, албатта, худро шогирди модар меҳисобам. Модарам – устодам, – нақл кард фарзанди калонӣ Сабоҳатҷон Соҳибова, – ман аз синфи дуюм ба модарам ёрӣ медодам. Модарам ба либос тарҳ меандохтанд. Ман онро медӯхтам. Барои мардон, занону бачагон либосҳои ҳархела медӯхтем, ҳатто тарҳу дӯхти ҷома ҳам аз дасти мо мебаромад. Асосан, ману хоҳарам Дилбарой ҳунари модарамро давом додем. Дилбарой дар мактаб дарс ҳам дод. Дигар хоҳаронам низ бо либосдӯзӣ машғуланд.

– Ман, дугонаю ҳамкоронам Меҳриҷон, Лутфиҷон, Дилобар, боз чанд нафар шогирдон либосдӯзиро аз Асолатҷон Эргашева ёд гирифтем, – даври мактабиашро ба хотир овард собиқадори меҳнат Бозорбибӣ Абдулатифова, – пойдевори дӯзандагии мо аз он кас аст. Баъд ба устоди дигар Қутбинисо шогирд шуда, ҳунар омӯхтем. Якҷо дар Хонаи хидмати маишии деҳа кор кардем. Шахсан ман дар ягон ҷойи дигар ба дӯзандагӣ нахондаам.

Дар ҷараёни фаъолияти педагогии худ Эргашева дарк намуд, ки маълумоти олӣ барои бурдани корҳои таълиму тарбия нафъи ҳамаҷониба доштааст. Барои ин Асолатҷон Эргашева дар оянда соҳибмаълумоту соҳибкасб кардани дилбандонро ба худ мақсад кард. Муаллима бо омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик Соҳиббой Ёқубов дар давоми издивоҷи 53-солаашон фарзандони сершуморро ба роҳи ҳаёт равона намудаанд. Модар 10 нафарро тарбияю маълумотдор кардааст. Дилбандонаш Сабоҳатҷон – муаллими забони русӣ, Ҳабиба – омӯзгори география, Шаҳодат – муаллими забони англисӣ, Замира – фелдшер, Фотимаҷон – ҳамшираи тиббӣ, Дилбарой – муаллимаи таълими меҳнату нақшакашӣ, Самиҷон – омӯзгори кимиё, Набиҷон – ҳисобчӣ, Дилмурод – ходими идораи милитсия ва Ороста (шодравон) – муаллимаи забон ва адабиёти тоҷик. Хуллас, панҷ духтару як писар соҳаи таълимро интихоб намуда, ҳамкасби падару модар гардиданд.

Аксари фарзандон имрӯз нафақахӯр мебошанд.

Асолатҷон Эргашева (манзили охираташ obод бод!) аз занони хушбахт буд. Меҳри дурахшон дошт ба оила, фарзандон, инсон, касб ва ҷамъият.

**Ш. МИРЗОЕВ,**
**деҳаи Варзики ноҳияи Чусти вилояти Намангон.**

*Ибрати авлодҳо*

# ДАР БОРАИ СУЛОЛАИ АШУРОВҲОИ ЧУСТӢ



Агар аз Тошканд ҷониби Намангон сафар кунед, пас аз убури ағбаи Қамчиқ ва ҳудуди ноҳияи Поп, вориди Чуст мешавед. Бояд гуфт, ки Чусти имрӯза ба таври шинохтанашаванда тағйир ёфтааст. Дар ноҳия корхонаҳои бузурги саноатӣ қад рост кардаанд.

Чуст таърихи сеҳазорсола дорад ва бо вуҷуди ин, ҳамешаҷавон аст. Яке аз шаҳрҳои куҳантарини водии Фарғона маҳсуб мешавад. Дар ин ҷо ҳунармандӣ рушд кардааст ва ҳоло тоқиву кордҳои соҳибҳунарони ин минтақа машҳури ҷаҳон шудаанд.

Манзилу маконе, ки инсонҳои боимону боэътиқод, олиму донишманд, сахию саховатмандро дар канор дорад, шукӯҳу таровати хосаро соҳиб мешавад. Чуст ҳам аз чунин гӯшаҳои муборак аст ва Муродҷон Ашуров яке аз инсонҳои азизи ин ноҳия ба шумор меравад, ки тӯли солҳо хидмати халқу Ватанро кардааст.

Сулолаи Ашуровҳоро на танҳо дар Чуст, балки дар тамоми вилояти Намангон ҳам хуб мешиносанд. Бо акои Муродҷон аз ин сӣ сол муқаддам бо тақозои касби журналистии худ шинос шудаву дар бораи эшон чизе ҳам навишта будам. Азбаски бо ҳам қадрдон будем, боз хостам дидор бинему дар суҳбат шавем. Аз мудири шуъбаи вилоятии Қабулхонаи халқии Президент дар вилояти Намангон Баҳодур Юсупов, ки қаблан ҳамчун ҳокими ин ноҳия низ кор карда буд, хоҳиш кардам, ки барои суҳбат бо акои Муродҷон кумак расонад.

Акои Баҳодур пешниҳод кард, ки дар бораи Муродҷон Ашуров ва фарзандашон Умедҷон Ашуров, ки бо вуҷуди ҷавон буданаш, бо соҳибкории худ ба назари Президент афтодааст, мақола нависам беҳтар мешавад.

Моро дар хоҷагии фермерии «Чуст ўриксор», воқеъ дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Бибиона», Умедҷон Ашуров пешвоз гирифт. Шукӯҳу шаҳомат ва ободу озодагии бинои хоҷагии фермерӣ диққати маро ҷалб кард. Дар толоре, ки барои қабули ҳамкорони хориҷӣ пешбинӣ шудааст, кас худро чун дар қабулхонаи як ширкати бузурги пойтахтшаҳр эҳсос хоҳад кард.

Мизу курсӣ, мебелҳои мулоим барои имзои шартномаҳои ҳамкорӣ бо завқи баланд ҷойгир карда шудааст. Дар пешгоҳи толор сертификатҳои байналмилалии корхонаҳои таркиби хоҷагии фермерии бисёрсоҳа ва дар девор харитаву маълумотҳо дар бораи намудҳои маҳсулоте, ки ба давлатҳои хориҷӣ содир мешаванд, овезон аст.

Мардуми Намангон хислати аҷибе доранд. Дар онҳо эҳсоси ифтихор аз маҳсулоте, ки дар вилояташон истеҳсол шудааст, пурзӯр мебошад. Ҳангоми сафари корӣ ба кадом идора дароям, дар болои мизи кории аксари онҳо оби шифобахши «Чортоқ»-ро медидам ва ба меҳмон, албатта, як пиёла об медоданд.

Умедҷон ҳам аз оби «Чортоқ» рехту дод. Вақте бо акои Муродҷон дӯсти қадрдон будинамро шунид, бениҳоят шод гардид ва зуд ба падараш занг зад.

Даҳ дақиқа нагузашта, акои Муродҷон вориди утоқ шуданд.

– Э, дӯсти азиз... Дар куҷоҳо мегардед? Хеле вақт шуд, ки дидор надидем, – хушҳолона канор кушод. – Дар тарафи Намангон камнамо шудед. Шуморо дида, бисёр шод гаштам.

Дар чашму рӯйи акои Муродҷон аломатҳои пиронсолӣ аён шуда, ба мӯю ришаш сафедӣ афтода буд. Ҳамоно самимияти пешинаро гум накардааст. Лекин ҷойи он ғайрату шуҷоати айёми навҷавониро акнун як навъ вазнинӣ, мулоҳизакорӣ, мулоқоти хирадмандона ва тавозӯъ гирифта буд. Ҳавасам омад.

Тавре пештар ҳам навишта будам, акои Муродҷон хислатҳои ҳамидаи худ – саховатмандӣ, дилкушодӣ, ширинсуханӣ ва дӯстпарвариро аз падар мерос гирифтааст. Падараш Сайфулло Ашуров (руҳашон шод бод!) сӣ сол чун мудири пиллахонаи ноҳия кор карда, ба аксар мардум кумак расондааст. Ба гуфти пиронсолони чустӣ, ягон одам аз даргоҳи ӯ ноумед берун нарафтааст.

– Модарам Тӯхтабӣ, равонашон шод бод, тӯли солҳо дар фабрикаи маснуоти бадеӣ кор карда, обрӯю эътибор ёфтанд, – ба хотир меорад акои Муродҷон. – Бонуи гулдасти тоқидӯз буданд. Доим фахр мекунам, ки дар машҳур гардидани тоқиҳои Чуст модари ман низ хидмати шоиста кардаанд.

Акои Муродҷон хуб медонист, ки зиёрати қадамҷойҳои муқаддасро дӯст медорам. Ӯ маро ба зиёратгоҳи «Бибиона» бурд. Дар зиёратгоҳ се чашма мавҷуд аст. Мардуме, ки аз дуру наздик меоянд, бо ихлос ин даргоҳро зиёрат мекунанд. Бо пиразане, ки ба меҳмонон дар бораи зиёратгоҳ нақл мекард, ҳамсуҳбат шудем.

– Зиёраткунандагон ба он боваранд, ки агар бо оби яке аз чашмаҳо рӯйи худро шӯянд, доғҳои рӯй нест шуда, чеҳра ҷавонтар мешавад, – гуфт Роҳатой Ҳакимова.

Синни пиразан ба назар дар атрофи шаст мерасид, аммо дар асл ҳафтоду панҷ сола будааст. «Ба назар хеле ҷавон менамоед», гӯем, «шояд ба шарофати оби чашма бошад…» гуфта ҷавоб дод…

Ҳангоми бозгашт аз зиёрат акои Муродҷон хоҳиш карданд, ки дар мақолаи худ аз устоди эшон низ ёд кунам.

– Неъмат Бутунбоев худ зодаи ноҳияи Булунғури вилояти Самарқанд ҳастанд ва баъд аз хатми донишгоҳ, барои кор бо роҳхат ба ноҳияи мо меоянд, – нақли худро оғоз кард ҳамроҳам. – Ҳамчун мутахассиси соҳаи хӯроки умумӣ ба комёбиҳо ноил гардида, бо амри тақдир дар Чуст мемонанд. Ҳамчун раиси ҷамъияти матлуботи шаҳр обрӯю эътибор пайдо мекунанд. Вақте бисту дусола будам, донишгоҳро хатм карда, бо дархости кор ба ҷамъияти матлубот, назди Неъмат Бутунбоев рафтам. Баъд аз суҳбати кӯтоҳ, сармуҳосибро даъват карда, «мутахассиси ҷавон будааст, ба кор гирем хуб мешавад», гуфтанд. Сармуҳосиб аз ин норозӣ шуда, аз ӯҳдаи ҳисобу китоб намебарояд гуфт. Аммо раис «Агар надонад, меомӯзед. Ҳеҷ кас буғалтири касбӣ шуда ба дунё намеояд», қатъӣ ҷавоб доданд ва маро ба кор гирифтанд. Кори тақдирро бинед, ки баъд аз се моҳ маро ба ҷойи сарҳисобдор таъин карданд. Ӯ ҳисобчии одӣ шуда монд. Новобаста аз ин, дар дил кина нагирифта, ҳамеша кумаку дастгирӣ мекардам. Насиба будааст, ки раиси ҷамъиятҳои матлуботи ноҳия, шаҳр шудам. Илоҳо ҷойи устод Неъмат Бутунбоев, ки маро чун ҷигари худ қабул карда, меҳрубониҳо намуданд, сиру асрори касбро омӯхтанд, дар биҳишт шавад...

– Солҳои аввали истиқлол буд, – ба хотир меорад Мурод Ашуров, – рӯзе ҳокими ноҳияи Чуст даъват карда, гуфт, ки муовини худ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ таъин кардан мехоҳад. Ба ҳоким гуфтам, ки миллатам тоҷик аст ва маҳз барои ин баъзе идораҳо номзади маро тасдиқ намекунанд. Ҳоким бо боварӣ гуфт, ки «худам гап мезанам, номзади шумо мегузарад». Аз байн моҳе гузашта, рӯзе ҳоким ба корхонаи мо омада, ҳини суҳбат «Бубахшед, акои Мурод! Шумо дуруст гуфта будаед, номзади шуморо тасдиқ накарданд», гуфт.

Ҳоло вазъ комилан тағйир ёфтааст. Ба туфайли иродаи сиёсии Президенти мо Шавкат Мирзиёев ҳама миллатҳои маскуни Ӯзбекистон ҳуқуқи воқеан баробарро соҳиб шуданд. Яххои чандинсолаи муносибатҳои ғализ об шуд. То солҳои наздик ба тӯю сур ва ҳатто ба маросими дафни якдигар сокинони ҳамсоякишварҳо рафта наметавонистем. Акнун ҳамаи онҳое, ки чун мо дар Тоҷикистон хешу табор, ёру бародар доранд, бе ягон мушкил ба дидори ҳам мерасанд.

Ба корхонаи тобеи хоҷагии фермерии «Чуст-ўриксор» писараш Умедҷон Ашуров сарварӣ мекунад. Дар корхона маҳсулоти лӯбиёгиро ба навъҳо ҷудо карда, коркард менамоянд ва содир мекунанд. То рафт иқтидор ва ҷуғрофиёи содирот вусъат меёбад. Бахусус, маҳсулоти мошро, ки дар вилоят ва минтақаҳои атроф парвариш шудаанд, қабул карда, ашёи хом бо таҷҳизоти муосири технологии хориҷӣ коркард мешавад ва дар шакли майдаву орд бастабандӣ гардида, ба хориҷ содир мешавад.

Маҳсулоти тайёри мошӣ бори аввал ба Ҳиндустон фиристода шуд ва ҳоло ба Чин, Малайзия, Индонезия ва давлатҳои Аврупо экспорт мешавад.

– Соли гузашта дар ҳаётам воқеаи фаромӯшнопазир рӯй дод, – гуфт Умедҷон Ашуров. – Дар ҷамъомаде, ки бо иштироки Президенти муҳтарам Шавкат Мирзиёев бахшида ба масъалаҳои содирот доир гардид, дар қатори соҳибкорони ҷавон камина ҳам иштирок кардам. Ин рӯйдоди таърихӣ ба ман як ҳисси ифтихореро бахшид, ки онро наметавон бо сухан тасвиру тавсиф кард.

Ифтихор дорам, ки ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори содиротии ватанамон саҳм мегузорам. Ҳамзамон, пеши худ аҳд кардаам, ки барои рушди иқтисодиёти мамлакат тамоми имкон ва тавон, илму заковати худро сарф кунам.

...Ҳини бозгашт аз Чуст як сухани Умедҷон диламро чун рӯз мунаввар кард. «Илоҳо, ба бахти мо падару модарам сиҳату саломат бошанд. Ба чӣ хел комёбие расида бошам, дар партави панду насиҳат, роҳнамоӣ ва дуоҳои онҳо, меҳрубонии Офаридгор ноил гардидам…», – гуфт ӯ.

– Аз умрат барака ёб, ҳеҷ гоҳ кам нашав! – гуфтам бо ҳавас.

Воқеан, дар кишвари мо инсонҳое чун намояндагони сулолаи Ашуровҳо, ки шоёни ҳавасанд, бисёранд. Бигузор, доим комёб бошанд!

**Дилмурод ҚИРҒИЗБОЕВ,**
**узви Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон.**

# ХОТИРАҲОИ ДАВРАИ ДОНИШҶӮЙӢ

Соли 1969 зиёда аз 100 нафар толибилмони мактабҳои Ӯзбекистон ҳуҷҷатҳои худро ба факултаи забон ва адабиёти Институти педагогии ба номи Садриддин Айнии Самарқанд супорида, 37 нафарашон донишҷӯй шуданд. Соли 1973 баъд аз соҳиби диплом шудан ҳар яке ба ҳар гӯшаву канори ҷумҳурӣ раҳсипор шуда, ба кор шурӯъ карданд. Онҳо дар муддати 52 сол риштаи дӯстиро нaканда, ҳар сол ба шаҳри азими Самарқанд омада, аз солҳои донишҷӯйиашон ёдовар мешаванд.

Ҳамсабақон аз вохӯрда аввал ҷойҳои таърихии Самарқандро зиёрат карданд. Дар бораи таърихи сохта шудани масҷиди Хоҷа Абдуи Берунӣ маълумоти кофӣ гирифтанд. Аваз Нарзиқулов, Ҷавлон Отақулов, бинои нави сеқабата сохташудаи масҷиди навро аз назар гузаронида, аз имоми масҷид маълумоти кофӣ гирифт. Баъд ҳамсабақони собиқ канал (Ҷӯйи калон)-и Дарғомро, ки аз ҳудуди ноҳияи Самарқанд мегузарад, тамошо карда, дар бораи кай боз ҷорӣ шудани канал ва таърихи он маълумот гирифтанд.

Муҳаррам Ҳамидзода бошад, аз давраи пахтачинӣ дар Пасдарғом ва хӯроки баракпазиашон нақл кард.

Аваз Нарзиқулови сӯхӣ бошад, дар бораи таълимдиҳии устодон Салоҳиддин Аслиддинов, Абдумӯъмин Фаттоев, Шавкат Шукуров, Салим Кенҷа, Абдувосеъ Қосимов нақл кард. Ҳамсабақони собиқ Мақсуда, Раҳматҷон, Саломат ва дигарон аз давраи донишҷӯиашон хотирраҳо нақл намуданд. Ҳамсабақони собиқ дар яке аз гӯшаи дилнишини зебоманзари, «Лаби ҳавз» суҳбати дӯстона ва базми шеъру сурудхонӣ карданд.

Тоҳир Зокиров бо сурудҳои дилнишини худ давраро мунаввар кард.

**Толиб ЮНУСЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

*Минбари донишҷӯй*

# ПАДАРАМ – ИФТИХОРАМ

Қиблагоҳам – Тилаб Саидов соли 1963 дар деҳаи Қушкӯли ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарё дар оилаи коргар дида ба дунё кушодааст. Аз рӯи гуфтаи худаш маълумоти умумиро дар мактаби деҳаи худ гирифта, сипас барои гирифтани маълумоти олӣ ба факултети физикаи Донишкадаи давлатии Самарқанд ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро соли 1984 бо дипломи имтиёзнок хатм кардааст.

Падари маҳбубам солиён муаллими фанни физикаи мактабамон (№9) буд. Ман бо падари кордону меҳрубонам фахр мекардам. Падари ғамхорам якҷо бо модарам мо – 5 духтару 3 писарро парастиш намуда, ба воя расондаанд. Соли 2011 дар оилаамон воқеаи нохуш рух дод. То ин дам аз ғаму ташвиши дунё бехабар зиндагӣ доштем. Модари меҳрубонам (илоҳо руҳашон шод бод!) ба дарди бедаво печида, ин дунёро падруд гуфтанд. Минбаъд падарам ҳам ба ҷойи худ ва ҳам ба ҷойи модарам ғамхору ғамгусори мо буд. Дар мактаб меҳнати ҳалолашро ба назар гирифта ҷонишини директор оид ба корҳои маънавию маърифатӣ таъин карданд. Дар ин вазифа чор сол кор кард ва ӯро ба вазифаи ҷонишини директор оид ба корҳои таълим гузаронданд.

Падарҷонам баъди вафоти модарам ба бемории дил гирифтор шуд. Худро табобат карда, бо кори мактаб андармон мешуд. Атрофиён «хонадор шав» – яъне «зан гир» мегуфтанд, лекин падарам ин таклифро қабул намекард. Гоҳо дар ҳолати беморӣ низ ба кор мерафт. Агар як рӯз ба мактаб наравад, дар назари худи ман низ мактаб гӯё холӣ барин метофт. Ман падарамро бе мактаб ва мактабро бе падар тасаввур карда наметавонистам.

Соли 2016 бароям душвортарин ва фаромӯшнашаванда аст. Чунки марги беамон падарҷонамро низ аз мо рабуд...

Синфи 9-умро хатм карда, навакак талабаи соли аввали коллеҷ будам. Акнун кору бори хона ба зиммаи апаи аз ман калонӣ ва ман монда буд. Бародару апаҳои дигар оиладор шуда, ҳавливу дарашон ҷудо. Бо ҳамин минвол коллеҷро хатм кардам. Аммо симову касбу кори падарам доим пеши назар буданд. Азм намудам чун падари донишмандам омӯзгор шавам. Ҳуҷҷатҳоямро ба муассисаи таълими олӣ супурдам. Мутаассифона, чор сол бароям бахти донишҷӯ шудан насиб накард. Соли панҷум ба ин бахт муяссар гардидам.

Баъди хатми донишгоҳ касби омӯзгориро пешаи худ намуда, орзуям шогирдонро аз зебоиҳову ҷаззобии забони модариамон – забони тоҷикӣ баҳраманд намудан мебошад.

**Шохрухмирзо РӮЗИҚУЛОВ,**
**донишҷӯйи соли сеюми гурӯҳи тоҷикии ДДФ.**

*Дар ҷевони китоб*

# КИТОБ БАРОИ ТАРБИЯИ ФАРЗАНД




***Китоб махзани донишу савод, дӯсти беҳтарин ва сарвати бебаҳост. Нақши он дар тарбияи фарзанд муҳим аст. Мутолиаи китоб низ сабаби дастовардҳои беназири аҷдоди мост, ки дар фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоштаанд.***

Ба қарибӣ китоби «Тарбияи фарзанд» дар нашриёти «Mahorat»-и Самарқанд бо теъдоди 1000 нусха рӯйи чопро дид. Муаллифони маҷмӯа Акрами Муҳаммадусмон ва Хусрав Маҳмудов мебошад.

Китоб аз понздаҳ боб иборат буда, дар он масъалаҳои умумӣ, инкишофи кӯдаки навзод, тарбияи кӯдак, аз таваллуд то шашсолагӣ, масъалаҳои муҳими тарбия, насиҳат ва одоб, хусусиятҳои хоси тарбия, тайёрӣ ба бунёди оила, бунёди оила, оилаи нав, масъалаҳои рӯзгордорӣ, ҷудошавӣ, хусусиятҳои кор ва зиндагӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ, оила дар шароити ҷаҳонишавӣ, масъалаҳои нозуки оила ва пандҳои бузургон гирд омадаанд.

Дар китоб самимияти гуфтору нақли муаллифон бештар эҳсос мегардад, ки ин муштариёнро бефарқ намегузорад. Муҳтавои китоб хонандаро ба омӯхтани илму дониш, хислатҳои неки инсонӣ, шукргузорӣ, меҳнат-дӯстӣ, эҳтиром ба падару модар, саҳмгузорӣ ба рушду равнақи ҷамъияту Ватан ва ба инсофу диёнат даъват менамояд. Ин омилҳо барои тарбияи ҷавонон дастурамали хубест.

Ба қавли Акрами Муҳаммадусмон «Ин китоб ба масъалаҳои тарбияи фарзанд аз давраи ҳомиладории зан то таваллуд, аз давраи ширмакӣ то ба балоғат расидан, интихоби ҳамсар ва бунёди оила (хонадоршавӣ) бахшида шудааст. Аксарияти мардуми мо дар масъалаи тарбияи фарзанд саводи кофӣ надоранд ва мехоҳанд фарзандони худро чуноне ки онҳоро падару модарашон тарбия кардаанд, тарбия намоянд. Ин дониш барои тарбияи фарзанд кофӣ нест. Барои ин хел падару модарон меxоҳам суханҳои як донишмандро хотиррасон намоям: «Фарзандонатонро чуноне ки волидонатон шуморо тарбия кардаанд, тарбия накунед, зеро замони шумо аз замони онҳо фарқ мекунад». Инчунин падару модарони мо дар зери мафҳуми тарбия фақат одоб омӯхтан ва насиҳат карданро мефаҳманд. Имрӯз мо усулҳои анъанавии тарбияи аҷдодро истифода бурда, метавонем кӯдаки боадаб, гапдаро ва боинтизомро тарбия намоем. Албатта инҳо хислатҳои хубанд ва ба тарбияи ин хислатҳо бояд аҳамияти ҷиддӣ дод. Лекин тарбия дигар паҳлӯҳои худро низ дорад, ки хонанда бо онҳо дар рафти мутолиаи китоб ошно мешавад».

Фикр мекунем, ки ин китоб барои падару модарон дастури муфид хоҳад шуд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Андешаҳо*

# «ДОНӢ, КИ ЗИ ОДАМӢ ЧӢ МЕМОНАДУ БАС...»

Дар луғатҳо калимаҳои меҳр, муҳаббат, ишқ ба як маъно омада, дӯстдорӣ, нағз дидан, навозиш, лутфу марҳаматро ифода мекунад. Дар байни ҳамаи ҷонварони рӯйи замин меҳру муҳаббат, навозиш дида мешавад. Агар ба замин бо меҳр нигоҳубин кунӣ, ҳосили фаровон мегирӣ, бо меҳр таом пазӣ, болаззату хуштаъм мешавад ва ҳатто молатро ҳам бо меҳр парво намоӣ, серғизо ва фарбеҳ мегардад. Ин ҳиссиёти олӣ дар байни инсонҳо бештар ба назар мерасад.

Ҳангоми мушоҳида ба шабакаҳои интернетӣ чашмам ба навори видеоӣ афтод, ки 30 сол муқаддам сабт ёфта буд. Навад дар сади дар навор будагон, ки сокинони деҳаи Эҷ ва Сойхурд буданд, имрӯз дар қайди ҳаёт нестанд. Аксарият қалби пок доштанд, меҳр доштанд, муҳаббат доштанд. Нисбати якдигар бахиливу ҳасадхӯрӣ намекарданд, фахру нафсонияти баландро соҳиб буданд. Ҳама якранг зиндагӣ мекарданд, дастгири ҳамдигар буданд. Якҷоя иморат мебардоштанд, сою ҷуйборҳоро тозаву озода нигоҳ медоштанд...

Тахминан дар масофаи 2-3 км. аз ҷойи имрӯзаи деҳаи Эҷ дар дохили кӯҳсор вайронаҳои қишлоқи қадимаи Қалъа ҷойгир аст. Деҳа аз ҳамворӣ ба фарозии кӯҳ доман густурдааст. Хонаҳо чунон ҷойгир шудаанд, ки боми хонаи ҳамсоя ҳавлии ҳамсояи дигар буд. Сокинони куҳансоли рустои қадима нақл мекарданд, ки мардум бо вуҷуди бенавоёна умр ба сар бурдан, ба якдигар меҳрубон буданд. Ҳамдигарро дастгирӣ намуда, норасоиҳои зиндагиро дар якҷоягӣ бартараф мекарданд. Мегӯянд, ки як тахтаи ош ва як элак тамоми деҳаро давр мезад. Ё барои оташ додани оташдонҳо як таппак, ки лахчаро то дер дар худ нигоҳ медорад, дар хидмати тамоми деҳот буд. Ҳамаи ин аз меҳру муҳаббати беандозаи мардуми деҳа дарак медиҳад. Ба будааш қаноат карда, ба набуда сабр мекарданд. Бурду бохти зиндагиашонро ба ҳам медиданд...

Имрӯз мардум зиндагии фаровон дорад. Ҳаёти осудаву ободро аз сар мегузаронад. Шахсони саховатпешаву ҳимматбаланд бисёранд. Ба беморону муҳтоҷон дасти ёрӣ дароз мекунанд. Барои ободтару фаровонтар гаштани диёрамон камари ҳиммат мебанданд. Аммо чӣ қадаре, ки ҳаёт фаровону зиндагӣ осонтар аст, меҳру муҳаббати инсонҳо торафт коста мегардад. Худнамоиву худбинӣ, бемеҳриву ҳасудӣ байни мардум меафзояд. Дар мардум ҳирси ҷамъ овардани молу давлат бисёртар мегардад. Бародар тӯйи бародарашро монда, ба тӯйи бадавлат меравад. Ҳамсоя, ҳамкор дар ҷанозаи устодаш, ки солҳои тӯлонӣ дар якҷоягӣ зиндагӣ карда, дар як муассиса меҳнат кардаанд, иштирок намекунад. Аламовар он аст, ки устод, ки худ дар давоми фаъолияти меҳнатиаш ба муваффақиятҳо кам ноил гаштааст, аз пешравӣ ва бурди шогирд дар оташи ҳасад месӯзад ва ба пешравии вай зарба задан мехоҳад.

Хушбахтона, вақтҳои охир сафи тақводорон меафзояд. Баъзеҳо маротибаи дуюму сеюм ба Каъба меравaнд, ки он ба худнамоиву худбинӣ оварда мерасонад. Хуб мешуд, ки маблағи ба сафари ҳаҷ сарфмешударо ба муҳтоҷу дардмандон, хонаҳои меҳрубониву ободии диёрамон сарф мекарданд.

Барои ёфтани маблағи бештар аксарият ба хориҷ мераванд. Солҳои дароз аз оила дур, аз навозишу маслиҳати волидайн дар канор мемонанд. Фарзандонашон аз меҳри падарӣ маҳрум, ба навозишҳои модар зор ба воя мерасанд. Ҳатто бе иштироки онҳо соҳиби оила мегарданд...

Мисолҳо бисёр, хостем дар ҳамин ҷо иктифо намоем. Танҳо гуфтан мехостем, ки дар ин дунёи фонӣ аз одамӣ танҳо меҳр мемонад, муҳаббат мемонад. Ба гуфтаи шоир:

*Мо ҳеч, замона ҳеч,*
*дунё ҳама ҳеч,*
*Эй ҳеч, зи баҳри ҳеҷ*
*бар ҳеч мапеч.*
*Донӣ, ки зи одамӣ*
*чӣ мемонаду бас,*
*Меҳр асту муҳаббат*
*асту боқӣ ҳама ҳеч.*

**Элмурод РӮЗИЕВ,**
**Аълочии таълими халқи Ӯзбекистон.**
*Вилояти НАВОӢ.*



*«Хонаи бачагон»-и оилавии рақами якум, ки дар маҳаллаи Янги турмуши ноҳияи Ангори вилояти Сурхондарё ташкил шудааст, дар роҳи мақсади некӯ фаъолият мебарад.*

*Дар ин ҷо 10 нафар бачагон тарбия мегиранд. Дар вазъи баҳраманд шудан аз меҳри падару модар дар шароити молик ба кулли қулайиҳо ба камол мерасанд. Ҳар як бача ба фан ва маҳфилҳои варзишие, ки таваҷҷуҳ дорад, ҷалб карда шудааст.*

***Дар сурат:** дар «Хонаи бачагон»-и оилавии рақами якуми ноҳияи Ангори вилояти Сурхондарё.*

***Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ӮзА).***

